*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-045 назди МДТ «ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров». Суроға: 735700, ш.Хуҷанд, кӯчаи Мавлонбеков 1*

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Абдуллоев Акмал Абдуҷаборович дар мавзуи «Воситаҳои инструменталии муайян намудани самаранокии амнияти иттилоотӣ дар таълими фосилавӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050605 - Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт).**

Дар раванди ҷаҳонишавӣ як қатор таҳаввулот дар соҳаҳои мухталифи хоҷагиҳои халқи мамлакат ба вуҷуд омаданд, дар натиҷа иқтисодиёти рақамӣ, тиҷорати электронӣ ва дар ниҳоят таҳсилот ба фосилавӣ шакл иваз намуданд ва ин раванд идома дорад.

Гузариш ба низоми таҳсилоти фосилавӣ дар кишвар бе татбиқи техника ва технологияи иттилоотию коммуникатсионии муосир имконнопазир буда, системаи таълим мазмун ва моҳияти аслии худро гум мекунад. Аз ин лиҳоз шарти гузариши бомуваффақият ба низоми нави таълим аз татбиқи самараноки воситаҳои техникӣ ва барномавӣ дар ин соҳаи афзалиятнок ба ҳисоб меравад. Илова бар ин соҳаҳое, ки дар он техника ва технологияи иттилотию коммуникатсионӣ ва шабакавӣ татбиқ шудааст, аз таҳдидҳо ба амнияти иттилоотӣ эмин нестанд. Бо дар назардошти ин мавзуи рисолаи таҳқиқшуда бешубҳа саривақтӣ ва мубрам маҳсуб меёбад.

Таъмини амнияти иттилоотӣ дар низоми таҳсилоти фосилавӣ дар давраи гузариш ба низоми нави таҳсилот танҳо тавассути таҳияи воситаҳои барномавӣ, алгоритмҳо, ва моделҳои иқтисодӣ-риёзӣ ва таҳлилҳои илмӣ имконпазир мегардад.

Аз автореферати диссертатсияи Абдуллоев А.А. маълум аст, ки он дар заминаи татбиқи низоми таҳсилоти фосилавӣ дар кишвар, татбиқи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №1445 дар бораи «Бистсолаи омӯзиш ва

рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон намудани солҳои 2020-2040, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 642 аз 30-юми декабри соли 2019 оид ба «Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» иҷро шудааст. Дар ин замина сохтор ва низоми таълими фосилавӣ, меъёрҳои арзёбии хатарҳо ва амнияти иттилоотӣ мавриди таҳқиқ ва хулосабардорӣ қарор дода шуда, таснифу таҳлили усулҳо ва алгоритмҳои амнияти иттилоотӣ дар раванди таълими фосилавӣ амалӣ ва арзёбӣ карда шудааст.

Мақсади асосии таҳқиқот таҳия ва татбиқи воситаҳои инструменталӣ ва алгоритмӣ барои арзёбии самаранокии иқтисодии амнияти иттилоотӣ дар системаи таҳсилоти фосилавӣ мебошад, ки тавассути таҳияияи алгоритмҳо, ва воситаҳои инструменталии арзёбии вазъи соҳа ба ҳадафи гузошташуда ноил гардидан мумкин аст.

Ҳамчунин, дар мисоли мушаххаси нишондиҳандаҳои шабакаи компютерии ДДХ, истифодаи воситаҳои инструменталӣ ва алгоритмҳои таҳияшуда дар арзёбии иқтисодии самаранокии амнияти иттилоотии НТФ-и ин МТОК тадқиқот гузаронида шудааст.

Дар маҷмуъ мавзуи таҳқиқоти анҷомдодашуда дар шароити ҷаҳонишавӣ мубрамияти худро дучанд зиёд мекунад, зеро танзими нишондиҳандаҳои бозори хизматрасонии таълим яке аз воситаи асосии таъмини рушди иқтисодиёти миллӣ, таъмини соҳаҳои хоҷагиҳои халқи мамлакат бо мутахассисони баландихтисос ва дар маҷмуъ воситаи баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ба шумор меравад.

Дар баробари бартариятҳои автореферат баъзе пешниҳодҳо ҷиҳати беҳдошти он тавсия карда мешавад, ки онҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

1. Беҳтар мебуд агар дар автореферат сатҳи таҳдиди хатарҳо то кадом андоза харобиовар будани онҳо ба муассисаи таҳсилоти олӣ муайян карда мешуд.

2. Яке аз нишондиҳандаҳои муҳими натиҷаҳои гузариш аз шакли анъанавии таҳсилот ба шакли таҳсилоти фосилавӣ дар натиҷаи татбиқи

технологияи иттилоотӣ дар раванди таълим самаранокии иқтисодии он мебошад. Беҳтар мебуд агар дар автореферат баҳои самаранокии ин гузариш ва ба баҳои самаранокии натиҷаи татбиқи алгоритмаҳои ҳифзи иттилоот дар муасиссаи мавриди назар дарҷ карда мешуд.

3. Агар дар рисолаи диссертатсионӣ таҷрибаи кишварҳои пешқадам доир ба масъалаи мавриди назар ба инобат гирфта мешуд ва ё баҳои муқоисавӣ бо кишварҳои ҳамсоя дар ин бора дода мешуд, беҳтар буд.

Эродҳои болозикр хусусияти тавсиявӣ дошта, сатҳи назариявию амалии таҳқиқоти диссертатсиониро коҳиш намедиҳад.

Маврид ба зикр аст, ки диссертатсияи Абдуллоев Акмал Абдуҷаборович дар мавзуи «Воситаҳои инструменталии муайян намудани самаранокии амнияти иттилоотӣ дар таълими фосилавӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050605 - Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт) пешниҳод шудааст, ба талаботҳои бандҳои 31, 33 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050605 - Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт) мебошад.

**Муқарриз:**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент**
**мудири кафедраи системаҳои**
**иттилоотӣ дар иқтисодиёти ДМТ** **Юсупов Ш.Н.**

**Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.**
**Телефон: (+992) 918123940. E-mail: shodmon26101982@mail.ru**

**Имзои Юсупов Ш.Н. –ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**

24.11.2023